Т А Қ Р И З

ба автореферати таҳқиқоти кори диссертатсионии
Файзуллозода Эркин Фатҳулло дар мавзуи:
«Таҳқиқи хосиятҳои протолитии кислотаҳои органикӣ ва равандҳои комплексҳосилшавии онҳо бо d-металлҳои интиқолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ пешниҳод шудааст

Дар замони муосир соҳаи химияи пайвастҳои координатсионӣ дар байни дигар самтхои илмии химия мавқеи махсусро ишғол менамояд, зеро имрӯз ингуна моддаҳо дар соҳаҳои саноат, катализ, тиб, фарматсия ва саноати аграрӣ васеъ истифода мешаванд. Бояд қайд намуд, ки металлҳои интиқолӣ ба монанди Mn, Fe, Co, Cu, Zn ва Ag микроэлементҳои «ҳаётан муҳим» буда, дар организмҳои зинда дар шакли пайвастҳои комплексии гуногун мавҷуданд.

Яке аз ҳосилаҳои аминокислотаҳо серин ва систеин мебошанд, ки дорои атомҳои донорӣанд. Онҳо метавонанд бо бисёр металлҳо пайвастҳои координатсиониро ташкил диҳанд. Аммо, микдори адабиётҳое, ки ба раванди комплексҳосилшавии металлҳо бо ин лигандҳои органикӣ бахшида шудаанд, маҳдуд аст. Металлҳои комплексҳосилкунанда ва лигандхо ба сохтору хосиятҳои комплексҳо дар шакли озод ва маҳлулҳо ба таври назаррас таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи пайвастҳои нави координатсионӣ, дар асоси аминокислотаҳо бо металлҳои гуногун яке аз вазифаҳои муҳим ва мақсаднок ба ҳисоб меравад.

Бо усули титронии pH-метрӣ хосияти протолитии гурӯҳҳои карбоксилӣ ва аминии аминокислотаҳои серин ва систеин дар консентратсияҳои 0,01-0,03 мол/л ва панч ҳароратҳо дар худуди 298,2 ÷ 338,2 К муайян гардида, равандҳои комплексҳосилшавӣ Zn(II), Ag(I) бо як қатор аминокислотаҳо ва дар системаҳои Mn(IV)-Mn(II), Fe(II)-Fe(III)-Co(II) бо тариқаи потенсиали оксидонии Кларк-Николский дар ҳудуди pH аз 0,5 то 12,0 омӯхта шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботҳои дастурамал дуруст ба низом дароварда шудааст, расмҳои овардашуда ва ҷадвалҳо имкон медиҳанд, ки муҳаққиқ бо натиҷаҳои баррасишуда ба таври мушаххас шинос гардад, инчунин ба шиносномаи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ мутобиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷомёфта буда, хулосаҳо натиҷаҳои асосии бадастомадаро комилан ва дуруст инъикос мекунанд.

Натиҷаҳои кори унвоҷӯй дар 39 мақола ва фишурдаи мақолаҳо, ки 15-тои онҳо дар маҷаллаҳои тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, 20 фишурдаи мақолаҳо дар маводхои конференсияҳои байналмилалӣ ва дохилӣ, 2 нахуспатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 монографияи илмӣ дарҷ гардидаанд ва шаҳодати эътирофи кори мазкур аз ҷониби олимони соҳа мебошад.

Кори илмӣ як таҳқиқоти анҷомёфта мебошад. Ҳаҷми хеле калони корҳои таҷрибавию ҳисоббарорӣ аз ҷониби муҳаққиқ иҷро шудааст. Дар вақти хондани автореферат баъзе эродҳо пайдо шуданд.

1. Асоснокқунии интихоби усулҳои таҳқиқот ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст.
2. Навгониҳои илмии натиҷаҳои бадастомада метавонист бо далелҳои мушаххастару бештар нишон дода шавад.
3. Дар боби панҷуми кор алоқамандии байни таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада ба такмили бештар ниёз доранд.
4. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Эродҳои пешниҳодшуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти натиҷаҳои бадастомадаро паст намекунанд, ба сифату баҳои умумии кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд.

Автореферат ботартиб ва бодиққатона мураттаб шудааст. Аз ҷиҳати мубрамият, мақсаду вазифаҳо, ҳаҷми корҳои таҳқиқотӣ, навовариҳои натиҷаҳои бадастовардашуда, аҳамияти илмию амалии онҳо кори диссертатсионии Файзулӣлозода Э.Ф. дар мавзуи: «Таҳқиқи хосиятҳои протолитии кислотаҳои органикӣ ва равандҳои комплексҳосилшавии

онҳо бо d-металлҳои интиқолӣ» ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқат карда, муаллифи он **Файзуллозода Эркин Фатҳулло** сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ мебошад.

Доктори илмҳои химия, дотсенти
кафедраи химияи органикӣ ва биологии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав Қурбонов А.С.

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи С. Айнӣ, 67.
Телефон: +992907818238
E-mail: amirsho_77@mail.ru

Имзои доктори илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав А.С. Қурбоновро **тасдиқ мекунам**:

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Н. Хусрав Исҳоқзода М.М.

«30» 10 соли 2026